**Сирояти ВНМО** – бемориест, ки тавассути вируси норасоии масунияти одам ба вуҷуд меояд. Он системаи масуниятро хароб мекунад, ки муҳофизати баданро аз бемориҳо таъмин менамояд.

Сирояти ВНМО — бемории вазнинест, ки бидуни қабули доимии доруҳо метавонад ба марг оварда расонад. Бе табобат, пас аз чанд сол сирояти ВНМО ба бемории СПИД - синдроми пайдошудаи норасоии масунияти одам (СПНМ) табдил меёбад ва морганизм бо бемориҳое, ки шахси солим ба осонӣ таҳаммул мекунад, мубориза бурда наметавонад.

Дар муҳоҷират тарзи ҳаёти шахс тағйир меёбад, бинобар ин хатари гирифтор шудан ба сирояти ВНМО зиёд мешавад, аз ин рӯ, саломатии худро ҳифз намудан хеле муҳим аст.

## ВНМО ЧӢ ТАВР АЗ ЯК ШАХС БА ШАХСИ ДИГАР МЕГУЗАРАД?

• Ҳангоми алоқаи ҷинсӣ бе рифола (ҷинс, миллат, вазъи оилавии шарик аҳамият надорад)





• Ҳангоми ворид шудани хуни шахси гирифтори ВНМО ба бадани шахси дигар, масалан, ҳангоми ворид намудани сӯзандору (тазрик) бо асбобҳои ғайри стерилӣ ва ё ҳангоми истеъмоли маводи мухаддир

• Аз зане, ки гирифтори сирояти ВНМО мебошад, ба фарзандаш дар давраи ҳомиладорӣ, таваллуд ё ширмаконӣ



## ШУМО НАМЕТАВОНЕД БА СИРОЯТИ ВНМО ГИРИФТОР ШАВЕД:

• Ҳангоми дастфишурӣ, оғӯш ва бӯса кардан
• Ҳангоми сулфа ва атса задан
• Ҳангоми истифодаи якҷояи зарфҳо, қошуқҳо, дастмолҳо ва рахти хоб
• Ҳангоми истифодаи ҳоҷатхона, душ, ҳаммом
• Ҳангоми якҷоя бо варзиш машғул шудан
• Ҳангоми газидани ҳашарот ва ҳайвонот.







## ЧӢ ТАВР ХУДРО АЗ ВНМО МУҲОФИЗАТ КАРДАН МУМКИН АСТ?

• Ҳангоми алоқаи ҷинсӣ ҳамеша аз рифола истифода баред — бо ҳар як шарик бе истисно

• Сӯзандоруро танҳо дар муассисаҳои тиббӣ қабул кунед, аз асбобҳои безараргардонидашуда истифода баред

• Аз тамос бо хуни шахси дигар худдорӣ намоед

• Риштарош, щӯткаҳои дандоншӯӣ ва дигар лавозимоти гигиении шахси дигарро истифода набаред ва аз худатонро ба дигарон надиҳед.

Региональная экспертная группа по здоровью мигрантов

Барои дар Русия ба таври қонунӣ зиндагӣ кардан, ҳар як шаҳрванди хориҷӣ бояд аз ташхиси тиббӣ, аз он ҷумла ташхиси ВНМО, гузарад. Дар сурати муайян шудани мубталои ВНМО, шахс наметавонад қонунан дар Русия бимонад.

Ташхиси ВНМО-ро мунтазам (на камтар аз як маротиба дар як сол) гузаронидан лозим аст, то ин ки дар ҳолати зарурӣ фавран табобатро оғоз намоед ва саломатии худро нигоҳ доред. Агар шахси гирифтори ВНМО дору истеъмол кунад, саломатӣ ва қобилияти меҳнатиашро нигоҳ медорад ва наметавонад шахси дигарро сироят намояд.



## Санҷишро метавонед бе зикри номи худ гузаред.

## Барои гирифтани маълумот оиди ташхиси ВНМО ба рақами тамос гиред.

**+7 967 079-71-45**
**+7 915 452-83-92**
**+7 910 000-55-18**

## «Қадам ба сӯи саломатӣ»

Дар ин ҷо ба саволҳо шумо оид ба сирояти ВНМО ҷавоб медиҳанд, ба шумо маслиҳат медиҳанд, ки чӣ гуна худро аз сироятёбӣ муҳофизат кунед ва мегӯянд, ки дар куҷо санҷиши ВНМО-ро ройгон гузаштан мумкин аст:



# ЧӢ ТАВР ХУДРО АЗ ВНМО МУҲОФИЗАТ КАРДАН МУМКИН АСТ?